# ЭЪЛОМИЯИ АНДОЗИ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ нашудаанд

## Қисми I. Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда

1 РМА

2 РЯМ

3 РСБ

4 РИС

5 Номи пурраи андозсупоранда

6 Намуди Эъломия (дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад): Ибтидоӣ Навбатӣ Иловагӣ Барҳамдиҳӣ

7 Давраи андоз А Семоҳа Б Сол

**Тавсияҳо барои пур кардан**

- барои кӯмак аз Тартиби пур кардани Эъломияи мазкур истифода намоед
- Эъломияро бо ҳуруфоти чопӣ пур кунед, миёни калимаҳо як хоначаро холӣ монед
- ҳангоми пур кардан ручкаи саққодори ранги сиёҳчадоштаро истифода намоед
- маблағҳоро бо сомонӣ нишон диҳед

## Қисми II. Ҳисобкунии андози даромад

| Рамзи сатр | | Маблағи даромадҳо |
|---|---|---|
| 001 | Даромадҳо, ҳамагӣ<br>аз ҷумла: | А |
| | - даромад аз иҷораи молу мулк; | |
| | - афзоиши арзиш аз фуруши молу мулк | |
| 002 | Ҳама гуна дигар даромадҳо, манфиатҳо ва подошҳо | |
| 003 | Даромадҳое, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст (барои резидентҳо) | |
| 004 | Тарҳҳо (хароҷотҳо) | |
| 005 | Даромади андозбандишаванда (сатри 001 + сатри 002 + сатри 003 – сатри 004) | |
| 006 | Маблағи андози ҳисобшаванда | |

## Қисми III. Ҷавобгарии андозсупоранда

**Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин Эъломия дарҷгардида тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).**

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/____________/

Ному насаби Роҳбар Имзо

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/____________/

Ному насаби Сармуҳосиб Имзо

Ч. М.

Санаи пешниҳоди Эъломия

рӯз моҳ сол

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/____________/

Ному насаби Нозири Эъломияро қабул намуда Имзо

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/____________/

Кайд оиди қабули Эъломия

Ч.Ш.

Санаи қабули Эъломия дар мақомоти андоз

рӯз моҳ сол

Рамзи мақомоти андоз

**Тартиби**
**пур кардан ва пешниҳод намудани эъломияи андози даромади шахсони воқеӣ, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ нашудаанд**

1. Варақаи эъломияи мазкур ва тартиби пур кардани он тибқи муқаррароти қисми 8 моддаи 158 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2. Мутобиқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз эъломияи мазкур то 1–уми апрели баъди соли ҳисоботӣ, аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳод карда мешавад.

3. Мутобиқи талаботи Боби 8 Кодекси андоз андозсупоранда баҳисобгирии андозиро ба роҳ мемонад.

**Дар эъломия чунин маълумот дарҷ карда мешавад:**

**Қисми I. Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда**

- дар банди 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) гузошта мешавад.
- дар банди 2 рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ) гузошта мешавад.
- дар банди 3 рақами сабаби бақайдгирии андозсупоранда (РСБ), дар ҳолати доштани воҳиди алоҳида қайд карда мешавад.
- дар банди 4 рақами инфиродии суғуртавӣ қайд карда мешавад.
- дар банди 5 номи пурраи андозсупоранда қайд кард мешавад.
- дар банди 6 оиди шаклҳои пешниҳодшаванда ба эъломияи ягона қайди дахлдор карда мешавад.
- дар банди 7 давраи андоз бо дарҷи моҳ ва соли андоз қайд карда мешавад.

**Қисми II. Андози даромад ва андози иҷтимоӣ барои ҳисобкунӣ**

- дар сатри 001, маблағи даромадҳо (ҳамагӣ) дарҷ мегардад:
  Аз ҷумла;
  – даромад аз иҷораи молу мулк;
  – афзоиши арзиш аз фурӯши молу мулк;
- дар сатри 002, маблағи ҳамагуна дигар даромадҳо, манфиатҳо ва подошҳо, ки қаблан дар манбаи пардохт андозбандӣ нашудаанд дарҷ мегардад;
- дар сатри 003, даромадҳои резидентҳое, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда, дарҷ мегардад;
- дар сатри 004, маблағи тарҳҳо (хароҷотҳо), ки тибқи қонунгузорӣ иҷозат дода шудаанд, дарҷ мегардад;
- дар сатри 005, маблағи даромади андозбандишаванда (сатри 001 + сатри 002 + сатри 003 – сатри 004) дарҷ мегардад;
- дар сатри 006, маблағи андози ҳисобшаванда аз маблағи сатри 005 – тарҳкуниҳои шахсӣ, агар дар ҷои кори асосӣ тарҳнашуда бошад, ба маблағи 480 сомонӣ дар соли тақвимӣ тарҳ карда шуда, бо меъёрҳои 8 ва 13% андоз ҳисобкардашуда дарҷ мегардад.

**Қисми III. Ҷавобгарии андозсупоранда**

Дурустии маълумоти дар эъломияи (ҳисоботи) андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани муҳр тасдиқ менамояд. Дар ин қисм санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабйли он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи мазкур, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дидаю дониста ба эъломия дохил кардани маълумотҳои таҳрифшуда, андозсупоранда мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.